Мисоли муъминон дар муҳаббат, шафқат ва раҳмдилӣ монанди бадан аст, ки агар яке аз узвҳои он шикоят кунад, тамоми бадан бо бехобӣ ва таб бо он ҳамроҳӣ мекунад

Аз Нуъмон ибни Башир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Мисоли муъминон дар муҳаббат, шафқат ва раҳмдилӣ монанди бадан аст, ки агар яке аз узвҳои он шикоят кунад, тамоми бадан бо бехобӣ ва таб бо он ҳамроҳӣ мекунад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳоли мусалмонон дар муҳаббат, шафқату раҳмдилӣ ва ёрии якдигар монанди як бадан аст. Агар узве аз он бемор шавад, тамоми бадан бо бехобӣ ва табларза ба он вокуниш нишон медиҳад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4969